## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод шудааст**

Дар назарияи забон омӯзиши семантикаи воҳидҳои луғавӣ бахши меҳварӣ ва муқаддимотӣ маҳсуб меёбад, зеро дарки дурусту мушаххас ва дастраси маъно бештар дар намунаи воҳидҳои луғавӣ муяссар мешавад. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии хусусияти назариявии семантикаи воҳидҳо ва таркиби луғавии забон ниҳоят муҳим аст. Пайдоиш, ташаккул ва такомули ҳар як забон ва, махсусан, таркиби луғавӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ, таърихӣ ва фарҳангии соҳибони он алоқаи ногусастанӣ дорад. Забон дар заминаи осори гаронбаҳои фарзонафарзандон аз марҳилаву давраҳои таърихӣ аз насл ба насл мегузарад. Дар ин раванд вижагиҳои забон тавассути эҷоди шоирону нависандагон, олимону донишмандон, муаррихону муҳаққиқон муайян мегардад. Вобаста ба ин, омӯзишу баррасии масъалаҳои назариявии забон бар мабнои осори, махсусан, шоирону адибон, ки аз ҷумлаи соҳибон ва барандагони забон дар давраҳои гуногуни ташаккулу инкишофи забон маҳсуб меёбанд, дар илми забоншиносӣ ҷойгоҳи бузург доранд. Ҳар эҷодкори асил метавонад тавассути мероси адабии худ дар нишон додани вижагиҳои забон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофу рушд саҳмгузор бошад. Истеъдоду маҳорати эҷодӣ ва забондонии ҳар як адибро аз рӯйи осораш муайян кардан мумкин аст. Дар ин маврид осори таълифшуда метавонад ҳамчун далел, намуна ва мабно барои тақвияти назарияҳои илмӣ, аз ҷумла, семантикаи воҳидҳои луғавӣ дар пажӯҳиш мавриди истифода қарор гирад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ аҳаммиятдор дар назарияи забон, алалхусус, дар улуми луғатшиносӣ ва маъношиносии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Инчунин, тавре ки худи диссертант дар муқаддимаи кор меорад, Афзалуддин Хоқонии Шервонӣ аз шоирони маъруфи тоҷикзабони Озарбойҷон ба шумор рафта, бо осори рангинжанри худ дар инкишофи забон ва адабиёти тоҷик дар асри XII мавқеи худро дорад. Доир ба вижагиҳои адабии осори Хоқонӣ ховаршиносону адабиётшиносони хориҷиву ватанӣ мақола ва рисолаҳои илмӣ пешниҳод намудаанд, аммо

вобаста ба хусусияти забони осори ин шоир пажӯҳиши мукаммале ба анҷом нарасидааст.

Аз ин рӯ, бори нахуст вижагиҳои семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва вобаста ба равиши таҳқиқ хусусияти маънои воҳидҳои луғавӣ, тарзи корбурди онҳо ба василаи осори Хоқонӣ дар марҳилаи муайяни инкишофи забони тоҷикӣ то андозае ошкор ва муайян мегардад, ки дар бахши назарияи забон, маъношиносии назариявиву амалӣ ва таърихи забони адабӣ муҳим аст.

Диссертатсия аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо тақсим мешаванд. Дар муқаддима муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии таҳқиқро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия, ки «Доир ба маъно ва маъношиносӣ» номгузорӣ шудааст, масъалаҳои назариявии мавзуъро дар бар гирифта, оид ба дараҷаи омӯзиши назариявии маъно ва маъношиносии луғавӣ маълумот медиҳад. Боби мазкур чор зербобро дар бар гирифтааст ва зербоби аввали он «Заминаҳои ташаккулу рушди маъно ва маъношиносӣ» ном дошта, аз таърихи омӯзиши маъно, ҳамчунин, объекти таҳқиқи маъношиносӣ ва вижагиҳои он бо тақвият ба андешаҳои донишмандон нишон дода шудааст. Зербоби дуюм «Шарҳи маънои луғавии калима» унвон дошта, доир ба маънои луғавии калима ҳамчун воҳиди меҳварии забон сухан меравад. Зербоби сеюм «Хусусияти навъҳои маънои луғавӣ» номгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб хелҳои маънои луғавӣ ва хусусияти онҳо дар низоми луғатшиносиву маъношиносӣ нишон дода шудааст. Зербоби чорум «Ифодаи таносуби маъноӣ дар маъно» ном дошта, дар он баҳс перомуни ҷойгоҳ ва мавқеи тарзи ифодаи таносуби маъноӣ сурат мегирад ва нишон дода шудааст, ки барои ба низом даровардани маънои воҳидҳои забон дар мутобиқату мувофиқат ҷойгоҳи дилхоҳи маъно тавзеҳ ва муайян мегардад.

Боби дуюми диссертатсия «Таносуби маъноии воҳидҳои луғавӣ дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ» ном дошта, дар зербоби якуми он- «Хусусияти маъноӣ ва услубии муродифот» доир ба вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва услубии хелҳои муродифот бо намунаҳои зиёд аз ашъори Хоқонӣ маълумот медиҳад. Зербоби дуюм «Таносуби мутазоддӣ” ном дорад ва нигоришу корбурди навъҳои мутазод – луғавӣ ва матнӣ дар осори шоир дар заминаи намунабайтҳо таҳлил шудааст. Дар зербоби сеюми боби

дуюм, ки “Мавқеи омонимҳо дар омӯзиши семантикаи воҳидҳои луғавӣ” номгузорӣ шудааст, бо баҳсҳои илмии назариявӣ маҳорати эҷодии шоир дар нақши ифода ва нақши маъно дар намунаи омонимҳои забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар зербоби ниҳоии боби дуюм, вижагиҳои вожаҳои сермаъно дар таҳлили семантикаи воҳидҳои луғавӣ нишон дода шудааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ тарзи хоси корбурди калимаи сермаъно дар мисоли ашъори Хоқонӣ таҳлил шудааст. Масалан, сермаъноии калимаҳои *чашм, соя, мӯй, хондан* (саҳ.112-113) дар як матн, яъне дар як рубоӣ ё ғазал омадааст, ки диссертант шарҳи ҳар як маъноро овардааст.

Дар боби сеюми диссертатсия «Таснифоти мавзуии семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ» ном дорад ва аз 6 зербоб иборат аст. Дар зербоби якум доир ба вожаҳои ифодагари хулқу атвори неку бади шахс, дар зербоби дуюм оид ба ифодаи маънои вақту замон, дар зербоби сеюм вобаста ба вожаҳои ифодагари узви бадан, дар зербоби чорум дар бораи хусусияти маъноии вожаҳои хешовандӣ, дар зербоби панҷум корбурди вожаҳои ифодагари шуғлу мансаб ва касбу кор ва дар зербоби шашуми боби сеюм оид ба маънои луғавӣ ва коннотативии номи ҷонварон дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ маълумот дода шудааст.

Диссертант дар боби аввали диссертатсия ба таври мукаммал вижагиҳои назариявии семантикаи воҳидҳои луғавиро баррасӣ намуда, ду боби дигари диссертатсияро пурра ба таҳлили бахшҳои семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ бахшидааст. Аҳаммияти илмии дигари диссертатсия дар он аст, ки, аз як тараф, мавҷуд будани хусусияти назариявии семантикаи воҳидҳои луғавиро бори аввал дар осори Хоқонии Шервонӣ мавриди омӯзиш қарор дода, хусусияти синхронӣ ва диахронии забонро нишон медиҳад, аз тарафи дигар, дар таърихи забони адабии тоҷикӣ саҳифаи наверо боз мекунад ва, аз паҳлуи дигар, чунин таҳқиқот ҳамчун пул ё восила барои пайвасти пажӯҳиши муосир вобаста ба маънои воҳидҳои луғавии забон дар давра ва марҳилаи муайяни таърихи забони адабии тоҷик, яъне асри XII дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ саҳм мегузорад. Дар диссертатсия, дар маҷмуъ, 7 нақша-расм истифода шудааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххассан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажӯҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст. Муаллиф дар равиши таҳқиқ бо тақвият аз назарияҳои илмӣ вобаста ба маъно, маъношиносӣ, семантикаи воҳидҳои луғавӣ, хусусияти навъҳои маънои луғавӣ, парадигматикаи луғавӣ-маъноӣ, радабандии мавзуӣ, баррасии мисолҳо, ҷамъоварии теъдоди зиёди мавод барои намуна, навиштани мақола малакаву дониши хешро сарф намудааст.

Хулоса, диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи **«Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

**Суроға:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Шоҳмансур 10, ҳуҷраи 19
Тел.: (+992)372 32 50 00
Факс: (+992) 372 32 50 00
E-mail: ghlo 2018 @mail.ru
12-уми марти соли 2026

Имзои Ж.Б.Гулназарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.
**Суроға:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992)372 32 50 00
Факс: (+992) 372 32 50 00
Сомона: www.dbz.tj
E-mail: rektorzt.dbzkht.tj@mail.ru